# Тақризи

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Мирзоев Ҷурабек Абдулович дар мавзӯи: «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – «Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ»**

Дар охири саддаи XX-ибтидои саддаи XXI дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон Истиқлолияти Давлатӣ ба даст оварда, ба эъмори сохторҳои нави ҳокимият пардохт. Соҳаи илму маориф, аз ҷумла илми таърихнигориро низ дигаргуниҳои куллӣ фаро гирифтанд. Дар ин давра дар илми таърих ва таърихнигории тоҷик диди нав, нуқтаи назари тоза, муносибатҳои нави назариявӣ ва услубшиносӣ пайдо шуданд, ки аз таърихнигории замони шӯравӣ, ки барои баҳои воқеӣ ва объективона додан ба он ё ин ҷараёни сиёсиву таърихӣ маҳдудият эҷод мекард, куллан фарқ мекунад. Асоси назариявӣ ва усулии таърихнигории замони истиқлолиятро сиёсати пешгирифтаи давлати тозабунёду соҳибистиқлоли Тоҷикистон, яъне ба даст овардани ваҳдати миллӣ, инчунин қарору санадҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил доданд. Акнун муҳаққиқон ба сиёсати пешгирифтаи давлати соҳибистиқлол такя намуда, имкон пайдо карданд, ки бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи Ватану миллати хешро ҳақиқатнигорона инъикос намоянд.

Дар рисолаи Мирзоев Ҷурабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» масъалаҳои таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигорӣ, тадқиқи ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ва масоили истиқрори сулҳу ваҳдат, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва ҳаёти минбаъдаи сиёсӣ дар Тоҷикистон, бо такя ба маводҳои бойгониҳои ҷорӣ, адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳои ҳукуматӣ,

санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар тадқиқот муаллиф таърихи ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистонро дар давоми зиёда аз чоряк аср, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо институтҳои байналхалқӣ дар асарҳои олимон ва сиёсатшиносони ватанӣ ва масоили омӯзиши сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI-ро, ки дар ин давра бисьёр воқеаҳои сиёсиву таърихиро аз сар гузаронидааст аз нигоҳи таърихнигорӣ таҳлил намудааст. Дар диссертатсия унвонҷӯ фикрҳои худро бо далелҳои раднопазир оид ба воқеаҳои муҳимми сиёсӣ баён намудааст, ки ба бисёр воқеаҳои таърихии баҳсноки ин давра нуқта мегузорад.

Дастоварди ниҳоят муҳимми унвонҷӯ дар он аст, ки ӯ ҳалли масоили даврабандии таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро, ки таърихниҷории муосири Тоҷикистон ба он ниёз дошт, ба ӯҳда гирифтааст.

Дар рисолаи худ Ҷ. Мирзоев таҳқиқот ва таълифоти муҳаққиқон ва донишмандони соҳаро, ки оид ба мавзӯи мазкур анҷом додаанд, ҷамъбаст намудааст. Дар он унвонҷӯ заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон таҳлил ва баррасӣ намуда, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ро дар Тоҷикистон даврабандӣ намудааст.

Дар муқоиса бо адабиётҳои интишоршуда диссертант аҳамияти Иҷлосияи XVI-ро дар роҳи расидан ба сулҳ ва барпо гардидани ҳукумати конститутсионӣ ошкор намуда, натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва тарғиби таҷрибаи сулҳро таҳлил карда хулосаҳои худро баён намудааст. Унвонҷӯ нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонро дар муайян

намудани самтҳои асосии  сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол воқебинона баррасӣ менамояд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки  бори нахуст ҳаёти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шакли рисолаи илмӣ тадқиқ гардида, дар зимни он ба адабиёти илмии дар ин самт таълифгардида баҳои илмӣ дода шудааст.  Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи търихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистон кӯмаки воқеӣ расонанд.

Натиҷаҳои таҳлили таърихнигории асарҳои илмӣ оид ба таърихи сиёсӣ, баҳои воқеии он барои ҳалли бисёр масъалаҳои мубрам дар инъикоси минбаъдаи ҳаёти сиёсии мамлакат, махсусан дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол муфид мебошад. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби таърихнигории сиёсии Тоҷикистони муосир хеле муфиданд.

Хулосаҳои назарявии муаллиф, муқарраарот, натиҷаҳои илмӣ-назариявии асосӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия барои омӯзиши таърихи давраи истиқлолияти Тоҷикистон ва дар таърихнигории халқи тоҷик аҳамияти илмӣ-амалӣ дорад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таълиф гардидаанд,  дар даврабандии таърихи Тоҷикистон дар охири асри XIX – ибтидои асри  XXI, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии  солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди мудҳиш, дар таҳқиқи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифшои саҳми Роҳбари давлат ҳамчун асосгузори сиёсати хориҷии кишвар зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Мирзоев Ҷурабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда аст.

**Роҳбари илмӣ доктори илмҳои таърих,**
**ҷонишини директори Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши Академияи илмҳои**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдурашитов Фозил Маматович**

**Имзоро тасдиқ мекунам**
**Сардори ШК** **Файзуллоева Г.**